# Ҳисобот
## оид ба фаъолияти Гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар солҳои 2015-2016

Ҷиҳати татбиқи банди 30-и Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва боби сеюми Стратегияи миллии фаъолигардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 дар назди Кумитаи Давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон таъсис дода шудааст, ки он аз 28 марти соли 2015 №24219(22-7) аз ҷониби Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст.

Мақсади асосии таъсиси Гурӯҳи кории байнидоравӣ рушд ва дастгирии соҳибкорӣ дар байни занон ба воситаи тақвият бахшидани механизмҳои ҳамкорӣ байни давлату бахши хусусӣ, таъмини муколамаи озоди мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати масъалаҳои рушди соҳибкории бонувон дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Аъзои Гурӯҳи корӣ намояндагони 9 вазорату идораҳои асосии давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд маҳсуб меёбанд.

Қайд кардан зарур аст, ки то имрӯз дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ як қатор чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати тарғиб ва пешбурди соҳибкорӣ, таъмини дастрасӣ ба дониш, таҷриба ва малакаҳои тиҷоратӣ, захираҳои молиявӣ ва замин, рушди ҳунармандӣ дар байни бонувон гузаронида шуда, дар онҳо масъалаҳои рушди соҳибкории занон баррасӣ гардидаанд.

### Ҷаласаи якуми Гуруҳи корӣ

**5 маи соли 2015** дар толори хурди Кумитаи Давлатии самроягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи якуми Гуруҳи корӣ оид ба рушди соҳибкории занон доир гардид, ки дар он аъзоён аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ, аз ҷумла занони соҳибкори ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Ҷаласаро Роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини Раиси Кумитаи Давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Нигина Анварӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки Гуруҳи корӣ оид ба рушди соҳибкории занон дар назди Кумита ҷиҳати татбиқи банди 30-и Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва боби сеюми Стратегияи миллии фаъолигардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 таъсис дода шудааст.

Вобаста ба масъалаи якуми рузномаи ҷаласа оид ба бахши сеюми Стратегияи миллии фаъолгаргардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, ки ба дастгирии рушди фаъолияти соҳибкории занон бахшида шудааст, ва корҳои анҷомдодашуда дар ин

самт аз тарафи Кумитаи кор бо занон ва оила маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба масъалаи дуюми рузномаи ҷаласа лоиҳаи Дастури Гуруҳи корӣ ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии фаъолияти занони соҳибкор аз ҷониби котиботи он муаррифӣ карда шуд.

Нисбат ба мушкилоти рушди соҳибкории занон ва самтҳои фаъолияти Гуруҳи корӣ аз тарафи намояндагони бахши хусусию шарикони рушд, аз ҷумла Раиси Федератсияи гуруҳи занони соҳибкори "Карасу" –Ойматова З., Роҳбари ташкилоти ғайридавлатӣ "Зан ва Замин" - Мамадалиева М., Директори минтақавии ширкати "Деллойт" – Атобек Г., Директори ширкати "Имкон Консалтинг" - Самадова З., Роҳбари ширкати "Реал-Д" - Уроқова С., ҷонишини Директори генералии Ассотсиатсияи занҳои соҳибкори Тоҷикистон - Мирзобаҳодурова М., Намояндаи дафтари Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон – Нурматова М., Мушовир оид ба занони пешбари иқтисодии "ОКСФАМ" - Саидова М., Менеджери минтақавии барномавии рушди бахши хусусии Вазорати Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ (DFID)- Раҳимова Ш., Намояндаи Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид оид ба корҳои занҳо (UN-Women) - Мирзоева В. мулоҳизарониҳо ва табодули афкор сурат гирифт.

Дар анҷоми ҷаласа аз ҷониби роҳбари Гурӯҳи корӣ муҳокимаҳо ҷамъбаст гардида, қарорҳои мувофиқ қабул карда шуданд.

**Гузаронидани таҳлили қиёсии барномаҳо, лоиҳаҳо, тадқиқот ва ислоҳот дар самти дастгирии соҳибкории занон**

Дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ тибқи банди 2-юми Нақшаи чорабиниҳои Гурӯҳи корӣ, аз ҷумла беҳтар намудани заминаи таҳлилӣ барои ошкор намудани масъалаҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории занон таҳлили қиёсии барномаҳо ва лоиҳаҳои аз ҷониби давлат, шарикони рушд ва бахши хусусӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон давоми солҳои 2013-2015 татбиқшуда гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани таҳлил арзёбии корҳои анҷомдодашуда дар манотиқи гуногуни мамлакат дар самти дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон, муайян намудан ва омухтани таҷрибаи муфид, камбудию норасоиҳо, таҳияи тавсияҳои мушаххас вобаста ба амалисозии имкониятҳои ҳануз истифоданашуда, инчунин тавсеаи ҳамоҳангсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои такрории татбиқи тадбирҳо дар ин самт аз ҷониби бахши давлатӣ, шарикони рушд, ташкилоти ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ маҳсуб меёбад.

Дар натиҷаи таҳлил се ҷадвал ва ҳисоботи таҳлилӣ омода гардид, аз ҷумла:

1. Ҷадвали барномаву лоиҳаҳо оид ба дастгирии соҳибкории бонувон

2. Ҷадвали тадқиқоти гузаронидашуда оид ба масъалаҳои рушди соҳибкории бонувон;
3. Ҷадвали ислоҳоти татбиқшуда, ки ба дастгирии ҷанбаҳои гуногуни рушди соҳибкории боновунро равона карда шудааст;
4. «Таҷрибаи муваффақи барномаҳо оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон».

Тибқи таҳлил муайян карда шуд, ки танҳо дар давоми **солҳои 2012-2015** дар Тоҷикистон **29 лоиҳа ба маблағи 43 млн. долл. ИМА** дар самти дастгирии ҷанбаҳои гуногуни соҳибкории занон, аз ҷумла дастгирии рушди малакаву донишҳои соҳибкорӣ, ташаккули имкониятҳои васеи занон вобаста ба дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ татбиқ карда шудаанд.

Дар баробари муайян шудани таҷрибаи муваффақи барномаву лоиҳаҳо инчунин самтҳои омухтанашудаи тадқиқоту таҳлилҳо ошкор карда шуда, як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати дастгирии боунвони соҳибкор омода гардиданд.

Аз ҷумла, таҳлил тадқиқи нокифояи масъалаҳои дастрасии занон ба замин, маҳдудияти миқдори лоиҳаву барномаҳо дар самти бартараф намудани монеаҳои низомсоз ва ба фароҳам овардани шароитҳои мусоид юарои соҳибкории бонувон мусоидаткунанда, дар раванди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ аз мадди назар дур мондани ҷанбаҳои гендерӣ ва инчунин номукаммалии омор барои арзёбӣ намудани вазъи рушди соҳибкорӣ дар байни занон дар ҷумҳурӣ ва оморӣ гендериро ошкор намуд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳлил тавсияҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

-баланд бардоштани нақши Гурӯҳи корӣ дар ҳамоҳангсозии барномаҳо барои дастгирии занони соҳибкор тавассути таҳлил, паҳн намудани таҷрибаи муваффақ ва хулосабарорӣ аз таҳлилҳои гузаронидашуда;

-гузаронидани таҳлили мушаххаси ҷанбаҳои гендерии фазои соҳибкорӣ, баланд бардоштани иқтидори зеҳнии аъзои Гурӯҳи корӣ барои гузаронидани таҳлили сиёсати гендерӣ;

-баланд бардоштани нақши аъзои Гурӯҳи корӣ дар таҳияи санадҳои қонунгузории муҳим барои бонувони соҳибкор, пешниҳоди тавсияҳои Гурӯҳи корӣ ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.

## Дар доираи таҷлили нахустин солгарди «Рузи соҳибкор» баргузор намудани Мизи мудаввар оид ба рушди соҳибкорӣ байни занон

Тибқи нақшаи чорабинии Гурӯҳи корӣ 8 октябри соли 2015 бахшида ба таҷлили нахустин солгарди «Рузи соҳибкор» ва дар доираи он гузаронидани Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2015 таҳти унвони «Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди устувор» мизи мудаввар оид ба рушди соҳибкорӣ байни занон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарон ва намояндагони як қатор мақомоту идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, доираҳои васеи соҳибкорӣ, аз ҷумла занони соҳибкори тамоми манотиқи ҷумҳурӣ ва ВАО иштирок намуданд.

Чорабиниро Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қодири Қосим ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки ҳадаф аз баргузории ин чорабинӣ, пеш аз ҳама, таъмин намудани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ дар байни занон, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикии тарафайн дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, дар бахши ифтитоҳии мизи мудаввар Роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар Тоҷикистон, Ричард Ҷонс баромад намуда, оид ба саҳми шарикони рушд дар дастгирии соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуд.

Дар анҷоми бахши ифтитоҳии мизи мудаввар як қатор соҳибкорзанон барои саҳми арзанда дар рушди бахши соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раҳматномаҳо қадрдонӣ гардиданд.

Дар баробари ин дар чорабинӣ натиҷаҳои таҳлили «Таҷрибаи муваффақи барномаҳо оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон» ба ҳозирин муаррифӣ гардид, ки тибқи он танҳо дар давоми **солҳои 2012-2015** дар Тоҷикистон **29 лоиҳа ба маблағи 43 млн. долл. ИМА** дар самти дастгирии ҷанбаҳои гуногуни соҳибкории занон, аз ҷумла дастгирии рушди малакаву донишҳои соҳибкорӣ, ташаккули имкониятҳои васеи занон вобаста ба дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ татбиқ карда шудаанд.

Дар доираи чорабинӣ бонувони соҳибкори бахшҳои гуногун ва минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ бо муваффақиятҳову мушкилоти худ ҳангоми оғоз ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои ҳаллу фасли онҳо табодули афкор намуданд.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии соҳибкорзанон дар мизи мудаввар сабақҳои коршиносони варзида дар мавзуъҳои дастрасӣ ба замин, андозбандӣ, ҳуқуқи иҷтимоӣ, бонақшагирии соҳибкорӣ ва арзёбии иқтидори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои ватанию хориҷӣ пешкаш карда шуданд.

Инчунин дар хотимаи чорабинӣ ҷиҳати ба роҳ мондани робитаҳои тарафайни тиҷоратӣ бо иштироки бонувони соҳибкори бахши кишоварзӣ вохуриҳои сатҳи B2B гузаронида шуданд, ки ба густариши фаъолияти соҳибкорӣ миёни занон мусоидат менамоянд.

## Форуми байналмилалии занони фаъол ва соҳибкор

20 ноябри соли 2015 Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва вазорату идораҳои дахлдор дар доираи ҳафтаи ҷаҳонии соҳибкорӣ Форуми байналмилалии занони фаъол ва соҳибкорро баргузор намуд, ки барои иштирок дар он зиёда аз 80 нафар занони соҳибкор аз тамоми манотиқи мамлакат ҷалб карда шуданд.

Дар доираи форум Намоишгоҳи маҳсулоти соҳибкорзанони Тоҷикистон – EXPO ташкил карда шуда, бонувони минтақаҳои дурдасти мамлакат маҳсулоти кишоварзию ҳунармандии худро пешкаши иштирокчиёни чорабинӣ намуданд.

Соҳибкорзанони соҳибтаҷрибаи мамлакат ва хориҷи кишвар, аз ҷумла Санавбар Шарипова – Роҳбари ТҚХ "Имон интернейшнел", Сураё Уроқова – Роҳбари ширкати сохтмонии "Риал-Д", Замира Самадова – Роҳбари ширкати консалтингии "Имкон" ва дигар бонувони пешқадам барои мубодилаи донишу малака ва таҷриба бо бонувони навкор дар бахши алоҳидаи чорабинӣ табодули афкор намуданд.

Инчунин дар доираи форум сабақҳои коршиносони варзида дар мавзуъҳои гуногун барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва соҳибкории бонувони кишвар, истифодаи оқилонаи интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани некуаҳволии оилаҳои онҳо омода ва доир гардиданд.

## Мизи мудаввари "Занони соҳибкорӣ Осиёи Марказӣ ва Афғонистон. Таҷриба, масъалаҳо ва дурнамои рушд"

Инчунин санаи 7-8 апрели соли 2016 маротибаи дуюм дар ҳамкорӣ бо Ассосиатсияи занони соҳибкори Тоҷикистон "Кадбону" Мизи мудаввари "Занони соҳибкорӣ Осиёи Марказӣ ва Афғонистон. Таҷриба, масъалаҳо ва дурнамои рушд" баргузор гардид.

Дар чорабиниҳои мазкур роҳбарон ва намояндагони як қатор мақомоти идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, доираҳои васеи соҳибкорӣ, аз ҷумлаи занони соҳибкори тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, дигар кишварҳои хориҷӣ ва ВАО иштирок намуданд.

Дар баробари ин намоишгоҳи маҳсулоти соҳибкорзанон ва сабақҳои коршиносон ҷиҳати ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодию ҳуқуқии бонувон ташкил карда шуданд.

Дар рафти мизи мудаввар иштирокчиён масъалаҳо ва мушкилоти бонувонро дар самти пешбурди соҳибкорӣ, саҳми ассосиатсияҳои соҳибкориро дар тавсеаи ҳамкории бонувони соҳибкор баррасӣ намуда, вобаста ба тақвият бахшидани робитаҳо ҷиҳати истифодаи имкониятҳои васеи рушди соҳибкории занон дар минтақа тавсияҳо таҳия намуданд.

## Таҳлили омори гендерии соҳибкорӣ ва тавсияҳо

Тибқи банди 2б-и Нақшаи чорабиниҳои Гурӯҳи корӣ бо мақсади муайян намудани усулҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии заминаи маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии вазъият дар доираи соҳибкории занон, мусоидат барои дастрас намудани маълумоти гуруҳбандишудаи гендерӣ оид ба рушди соҳибкории занон таҳлили базаи омори гендерии соҳибкорӣ гузаронида шуд.

Таҳлил нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ сарчашмаҳои хеле маҳдуди омори гендерии соҳибкорӣ мавҷуд аст, ки ин пеш аз ҳама аз иқтидори нокифояи мақомоти миллии омор шаҳодат медиҳад.

Дар Агентии омор ба ҳолати имрӯза ҳатто сохтори алоҳида оид ба таҳия, истеҳсол ва паҳн намудани омори гендерии соҳибкорӣ вуҷуд надорад. Ба сифати маҳзани маълумоти омори гендерии соҳибкорӣ маҷаллаҳои “Мардон ва занон” ва “Нишондиҳандаҳои гендерии хоҷагиҳои деҳқонӣ” баромад мекунанд, ки дар бораи вазъи рушди соҳибкории занон маълумоти умумӣ медиҳанд.

Ҳамзамон вобаста ба вазъи дастрасии занони соҳибкор ба воситаҳои молиявӣ, моликият, замин, таҳсилот, малакаву таҷрибаи пешқадам, технологияҳои иттилоотӣ, бозори фурӯш, адолати судӣ ва саҳми бонувони соҳибкор дар истеҳсоли молу маҳсулот, таъмини шуғл ва рушди иқтисодиёти миллӣ дар маҷмуъ таҳияи низоми ягонаи нишондиҳандаҳои омори гендерии соҳибкорӣ зарур мебошад.

Дар баробари ин таҷрибаи мамлакатҳои Осиёи марказӣ, аз ҷумла Қирғизистон ва Қазоқистон дар самти таҳияи нишондиҳандаҳои омори гендерии соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун таҷрибаи муваффақ барои омӯзиш ва татбиқнамоӣ пешниҳод карда шуд.

Дар натиҷаи таҳлил сарчашмаҳои имконпазири маълумоти дастрасшавандаи оморӣ мавриди муайян карда шуда, номгӯи нишондиҳандаҳои омори гендерии соҳибкорӣ таҳия ва барои баррасӣ ва корбарӣ ба Агентии омор манзур гардид.

## Мизи мудаввари “Нақши соҳибкории занон дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон”

**22 апрели соли 2016** Кумитаи Давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Гуруҳи корӣ оид ба фаъолияти соҳибкории занон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассосиатсияи соҳибкории инноватсионию технологии Тоҷикистон ва бо дастгирии молиявии сохтори “СММ -Занон” дар мавзӯи **«Нақши соҳибкории занон дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мизи мудаввар баргузор намуд.

Дар кори мизи мудаввар аъзои Гуруҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, соҳибкорзанон ва ассосиатсияҳои соҳибкорӣ, намояндагони ташкилоти маҳалӣ, байналмилалӣ дар доираи

лоиҳаи «Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои оилаҳои таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон»-и сохтори «СММ-Занон» ва донишҷудухтарони фаъоли макотиби олии кишвар иштирок намуданд.

Чорабиниро Нигина Анварӣ, Муовини Раиси Кумитаи Давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Гурӯҳи корӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири дастгирии занон як қатор барнома ва стратегияҳои давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробар барои занони Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, ки заминаҳои ҳуқуқии дастгирии соҳибкории занону духтаронро дар мамлакат ташкил менамоянд. Аз ин лиҳоз мақсади гузаронидани мизи мудаввар баррасии роҳҳои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон, омӯзиши таҷрибаи андухта ва усулҳои таъмини дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ, аз ҷумла усулҳои инноватсионии рушди соҳибкорӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, дар бахши ифтитоҳии мизи мудаввар Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қосимзода Идигул Тағо ва коршиноси сохтори «СММ –Занон» дар Қазоқистон, Наргис Азизова суханронӣ намуданд.

Дар бахши якуми мизи мудаввар Нилуфер Кагатай, Мушовири дафтари минтақавии СММ – Занон барои мамолики Аврупо ва Осиёи марказӣ таҷрибаи байналмилалӣ ва самтҳои фаъолияти СММ – Занонро барои тавсеаи имкониятҳои иқтисодии занон дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор муаррифӣ намуд.

Дар рафти бахши мазкур аз ҷониби котиботи Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон натиҷаҳои «Таҳлили омори гендерии соҳибкорӣ ва тавсияҳо»-ро ба ҳозирин муаррифӣ карда шуд.

Дар бахши дуюми мизи мудаввар масъалаҳои нақш ва саҳми шарикони рушд дар тавсеаи имкониятҳои иқтисодӣ ва ваколатҳои занон дар Тоҷикистон баррасӣ гардиданд. Аз ҷумла оид ба рушди хизматрасонии қарзии хурд ва маҳсулот барои занон ҳамчун омили асосии рушди соҳибкорӣ Фарҳод Акбаров, Раиси Ассосиатсияи АМФОТ, таҷриба ва самтҳои фаъолияти ташкилоти ОХФАМ дар Тоҷикистон ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ ва маркетинг - Масъуда Саидова, коршинос оид ба масъалаҳои гендерӣ ОКСФАМ ва масъалаҳои рушди ҳунармандӣ - Нигина Икромова, Директори Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон баромад намуданд.

Дар бахши сеюм оид ба усулҳои инноватсионии рушди соҳибкорӣ маърузаи Зулфия Асророва – н.и.и., коршиноси Ассосиатсияи соҳибкории инноватсионию технологии Тоҷикистон шунида шуд, ки моделҳои муваффақ ва таҷрибаи рушди соҳибкории ҷавононро ба ҳозирин муаррифӣ намуд. Дар хотимаи бахши сеюм дар мавзӯи «Бизнес инкубаторҳо – таъмини дастрасии занон ба хизматрасониҳои Технопарк Бизнес инкубатори Тоҷикистон» Манижа Ҳаитова, Роҳбари Ассосиатсияи соҳибкории инноватсионию технологии Тоҷикистон баромад намуда, ба иштирокчиён оид ба имкониятҳои ҷорӣ намудани

инноватсияҳо ва технологияҳои коммуникатсионию иттилоотӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ маълумот дод.

Пас аз пешниҳоди муаррифиҳо, иштироккунандагон мулоҳизаронӣ намуда, аз тарафи намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд, оид ба роҳҳои тавсеаи имкониятҳои иқтисодии соҳибкорзанон мулоҳизарониҳо ва табодули афкор сурат гирифт.

Дар натиҷаи мизи мудаввар иштирокчиён як қатор тавсияҳоро ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои бонувони соҳибкор ва тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории занон таҳия намуданд. Инчунин дар доираи мизи мудаввар намоишгоҳи маҳсулоти соҳибкорзанон доир гардид.

## Озмуни беҳтарин бонуи соҳибкори сол "Фараҳ-2016"

Озмуни ҷумҳуриявии Бонуи соҳибкори сол Ҷоизаи «Фараҳ-2016» дар доираи фаъолияти Гуруҳи кории байнидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занони назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми марти соли ҷорӣ оғоз гардида, дар натиҷаи чорабиниҳои васеи иттилоотӣ оид ба ҷалби занон-соҳибкорон, ба озмун 278 дархост аз минтақаҳои гуногуни ҷумхурӣ қабул карда шуд.

Ҷиҳати баҳогузории фаъолияти соҳибкории иштирокчиёни озмун ва муайян намудани ғолибон дар ҳар як марҳала моҳи апрели соли 2016 комиссияи экспертӣ таъсис дода шуд. Дар баробари ин бо мақсади шаффоф ва кушод гузаштани озмун аз ҳисоби намояндагони Ҳукумати ҷумҳурӣ, мақомоти давлатӣ ва ташкилоти байналмилалӣ Шурои Васоят ташкил ёфт, ки Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он шомил гардид.

Ҷиҳати ҷамъбасти нимфинали озмуни бонуи соҳибкори сол "Фараҳ-2016" санаи 2 июли соли 2016 ҷаласаи комиссияи экспертии озмун иборат аз ҳайати мутахассисони озод дар соҳаи тиҷорат, иқтисодиёт ва бизнес бо иштироки аъзои Шурои Васоят баргузор гардид. Комиссияи экспертӣ 124 анкетаҳоро барои иштироки минбаъда дар озмун интихоб намуд. Дар натиҷаи омӯзиши дақиқи фаъолияти соҳибкории ҳар як иштирокчӣ, баъди мусоҳибаи телефонӣ ва ташрифи коргоҳу корхонаҳои онҳо, аъзоёни комиссияи экспертӣ 39 нафар нимфиналистонро дар бахшҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ, муд ва дизайн, кишоварзӣ, маориф ва тандурустӣ ва оғози соҳибкории нав муайян намуданд.

Таърихи муваффақияти ҳамаи нимфиналистон дар маҷаллаи «Бонувони сохибкори Тоҷикистон - 2016» нашр гардид. Шаш филм оиди фаъолияти 39 соҳибкорзанони муваффақ дар соҳаҳои мухталифи бизнес дар арафаи Ҳафтаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон омода гардида, тавассути телевизионҳои марказӣ ва маҳаллии кишвар намоиш дода шуд.

Таърихи 6-уми октябри соли 2016 дар шаҳри Душанбе чорабиниҳои ҷамъбастии озмун доир гардиданд, ки ғолибони ҳамаи 6

номгӯ ва дорандаи Шоҳҷоизаи (Гран-при) озмуни «Фароҳ-2016» муайян ва мукофотонида шуданд.

### Мизи мудаввар таҳти унвони “Усулҳои дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкории занона дар Тоҷикистон”

Санаи 2 июли соли 2016 дар шаҳри Гулистон мизи мудаввар таҳти унвони “Усулҳои дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкории занона дар Тоҷикистон” доир шуда, масъалаҳои ҳамкории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилоти маҳаллӣ ва байналмилалӣ бо бахши хусусӣ оид ба пешбурди соҳибкории занон дар кишвар муҳокимаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

### Ҷаласаи 4-уми Гурӯҳи корӣ

Санаи 16 сентябри соли 2016 дар рафти ҷаласаи навбатии Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон бо иштироки аъзоён аз ҳисоби мақомоти давлатӣ, шарикони рушд ва ассосиатсияҳои соҳибкорӣ масъалаҳои ташкилии маросими хотимавии озмуни бонуи соҳибкори сол “Фароҳ -2016” ва конфронси “Омӯзиш ва инноватсия - омили “Фароҳ - 2016” дар доираи чорабиниҳо бахшида ба таҷлили дуюмин солгарди “Рузи соҳибкор”муҳокима карда шуд.

### Конфронс дар мавзӯи «Омӯзиш ва инноватсия - омили «Фароҳ-2016»

6 октябри соли 2016 дар конфронс-толори «Хайят Редженси» конфронс дар мавзӯи: «Омӯзиш ва инноватсия - омили «Фароҳ-2016» доир гардид, ки дар он таваҷҷӯҳи асосӣ ба монеаҳои рушди соҳибкории занон дар кишвар ва роҳҳои ҳалли ин мушкилот дода шуд. Иштирокчиёни озмун ва намояндагони соҳаҳои мухталифи бизнес ба таваҷҷӯҳи ҳозирин таърихи муваффақият ва таҷрибаи рушди худро пешкаш карда, оид мушкилоти бартарафнамудаи онҳо дар роҳи таъсис ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ мубодилаи афкор намуданд.

Шоми 6 октябри соли 2016 махсус барои беҳтарин бонувони соҳибкори кишвар маросими тантанавии мукофотонидаи ғолибони озмуни «Фароҳ-2016» ташкил карда шуд, ки дар он намояндагон Ҳукумат, мақомоту идораҳои давлатӣ, оҷонсиҳои байналхалқӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеи шаҳрвандӣ муваффақияти занони соҳибкори тоҷикро ҷашн гирифтанд.

Беҳтарин бонувони соҳибкор бо диплому раҳматномаҳо мукофотонида шуда, 18 нафари онҳо имконияти сафар намуданро ба Латвия, Гурҷистон ва Қазоқистон барои мубодилаи таҷриба ва 12 нафар зани соҳибкор ҳуқуқи ширкат варзиданро дар курсҳои идоракунии бизнес “Мини МВА” соҳиб гардиданд.

Дорандаи шоҳҷоиза барои рушди фаъолияти сохибкорӣ аз тарафи сарпарасти кулли озмун ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» бо 100 000 сомонӣ қадрдонӣ гардида, сафи бонувони соҳибкори Тоҷикистон аз

шумораи иштирокчиёни озмуни «Фараҳ-2016» бо номҳои нав ва менторҳои нав пурра гаштанд.

## Мизи мудаввар дар мавзӯи «Нақши бонкҳо дар молиякунонии соҳибкории занон»

10 ноябри соли 2016 бо ташаббуси Ассосиатсияи миллии занони соҳибкори "Кадбону" таҳти сарпарастии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки бештар аз 70 нафар занони соҳибкор ва кормандони низоми бонкӣ аз тамоми қаламрави мамлакат дар мавзӯи "Нақши бонкҳо дар беҳтар намудани маблағгузории соҳибкории занон" мизи мудаввар баргузор гардид.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон қабл аз ҳама аз аҳамияти дастгирӣ ва ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт суханронӣ намуда, оид ба саҳми низоми бонки дар молиякунонии фаъолияти соҳибкории бонувон қайд кард, ки тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2015 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба занони соҳибкор 1,3 миллиард сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст. Дар 5 соли охир, ҳиссаи қарзҳои хурди ба занҳо додашуда афзоиш ёфта, 20 - 25% ҳаҷми умумии қарзҳоро ташкил медиҳад", -таъкид намуд Лола Салимова.

Дар чорабинӣ муовини раиси Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории занон ва роҳҳои рушди тиҷорати бонувон сухан ронда, қайд намудан, ки ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур, ба роҳ мондани мубодилаи таҷрибаи пешқадам, роҳандозии ҳамкории самараноки сохтори низоми бонкии кишвар бо занони соҳибкор, таҳияи тавсияҳо роҷеъ ба беҳбудсозии маблағгузории занони соҳибкор мебошад.

Дар чорабинӣ инчунин Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Идигул Қосимзода вобаста ба дастгирии фаъолияти соҳибкории занон тавассути таъсис ва пешниҳод грантҳои президентӣ баромад намуданд.

Сипас, раиси Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори "Кадбону" Сабоҳат Раҳимзода ба сухан баромада, аз саҳми ташкилоти мазкур дар рушди имкониятҳои иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, дастгирии ташаббусҳои занони соҳибкор, баланд бардоштани маърифати молиявӣ тавассути барномаҳои омӯзишӣ, ҳимояи ҳуқуқи занҳо, пурзӯр намудани ҳамкориҳои минтақавӣ миёни занони соҳибкор ибрози андеша намуд. Дар ин муддат ташкилоти мазкур ба 1400 нафар қарзҳои хурд дода, 800 ҷойи кори нав ташкил намуда, ба 2500 нафар хизматрасониҳои гуногун пешниҳод намудааст.

Дар идома, иштирокдорони чорабинӣ дар масъалаҳои дастгирии соҳибкорон, нақши ташкилотҳои қарзӣ дар маблағгузории соҳибкории занон суханронӣ намуда, дархост, пешниҳод ва андешаҳои худро барои рушди минбаъдаи маблағгузории соҳибкории занон манзур намуданд.

Дар охир тавсияҳои мизи мудаввар ба иттилои иштирокдорон расонида шуда, дар асоси маводҳои мизи мудаввар китобча бо номи“Нақши бонкҳо дар беҳтар намудани маблағгузории соҳибкории занон” аз чоп бароварда шуд.

**Форуми байналмилалии занони соҳибкор дар доираи таҷлили Ҳафтаи ҷаҳонии соҳибкорӣ**

Санаи 23-24 ноябри соли ҷорӣ дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон Кумита дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ҷиҳати таҷлили Ҳафтаи ҷаҳонии соҳибкорӣ Форуми байналмилалии занони соҳибкорро гузаронид. Ба форуми мазкур ассосиатсияҳои занони соҳибкори кишварҳои Осиёи Марказӣ даъват гардида, дар якҷояги бо ассосиатсияҳои бонувони соҳибкор ва доираҳои соҳибкорзанони Тоҷикистон мушкилоти рушди тиҷорати бонувон, таҷрибаи муваффақи ҳалли онҳо ва усулҳои самараноки дастгирии соҳибкории бонувон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар доираи чорабинии мазкур инчунин озмуни грантҳо барои бонувони соҳибкор доир гардид, ки ба 15 нафар бонуи соҳибкор ҷиҳати дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкории онҳо дар соҳаҳои мухталиф аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушди Тоҷикистон, аз ҷумла Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, ташкилоти ЮСАИД, Бонки рушди Осиё, Барномаи рушди СММ ва дигар ташкилоти байналмилалӣ грантҳои хурд пешниҳод карда шуданд.

Дар идомаи чорабинӣ рӯзи 24 ноябр Бизнес-наҳор бо иштироки 25 нафар бонувони соҳибкори пешқадами кишварҳои Осиёи Марказӣ ва намояндагони мақомоти давлатии ҷумҳурӣ дар самти танзим ва дастгирии соҳибкорӣ баргузор карда шуд. Дар рафти он масъалаҳои тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои тарафайн дар самти дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ байни соҳибкорзанони кишварҳои минтақа ташкили шабакаи минтақавии ассосиатсияҳои занони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мубодилаи таҷриба оиди ба роҳ мондани соҳибкории занон баррасӣ карда шуд.

**Ҷаласаи панҷуми Гурӯҳи корӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар солҳои 2015-2016**

8 декабри соли 2016 дар ҷаласаи панҷуми Гуруҳи корӣ оид ба рушди соҳибкории занон аъзои Гуруҳи корӣ натиҷаҳои фаъолияти муштараки худро дар доираи фаъолияти Гуруҳи корӣ дар давоми солҳои 2015-2016 ҷамъбаст намуда, инчунин самтҳои минбаъдаи ҳамкорӣ ҷиҳати дастгирии соҳибкории занон барои соли 2017 баррасӣ намуданд.

Дар ҷаласа ҳисоботи котиботи Гуруҳи корӣ оид ба мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар солҳои 2015-2016 шунида шуда, қайд гардид, ки Нақшаи чорабиниҳо дар ҳамоҳангии зич бо аъзои Гуруҳи корӣ мураттаб гардида, он чорабиниҳои аз ҷониби аъзоҳо дар солҳои 2015-16 банақшагирифташударо дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳо ҳисоботи муштараки ҳамаи аъзои Гуруҳи кориро оид ба корҳои анҷомдода дар самти дастгирии соҳибкории занон таҷассум намуда, ки тибқи натиҷаҳои он дастовардҳо, камбудиҳо ва самтҳои минбаъдаи фаъолияти Гуруҳи кориро муайян карда мешаванд.

Дар маҷмуъ, мониторинги татбиқи Нақшаи чорабиниҳо нишон дод, ки дар давоми солҳои 2015-2016 аз ҷониби аъзои Гуруҳи корӣ дар самтҳои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дастрасии занон ба донишу малакаҳои зарурӣ, бозомузии касбӣ ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ, рушди ҳунармандӣ, таъмини дастрасӣ ба молия, баланд бардоштани нақши онҳо дар бахши кишоварзӣ, рушди шабакаи минтақавии ассосиатсияҳои соҳибкории занони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Ҳамзамон камбудиҳо дар самти ҳамоҳангсозии нокифояи аъзои Гуруҳи корӣ ҷиҳати таҷдиди назар намудани ҷалвали барномаву лоиҳаҳо, тадқиқот ва ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкории занон дар соли 2016 ва ташкили хазинаи ягонаи тадқиқот оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ бо мақсади ҷамъбасти хулосаву тавсияҳо барои пешниҳоди расмӣ ба Ҳукумати мамлакат қайд карда шуданд.

Дар ҷаласа аъзои гуруҳи корӣ масъалаҳои тақвият бахшидани фаъолияти Гуруҳи корӣ дар самти пешбурди ислоҳот ва қабули қонун “Дар бораи ҳунармандӣ”, таъмини дастрасии занони соҳибкор ба воситаҳои молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявии занони соҳибкор ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолии онҳо, вобастагии мушкилоти таъмини дастрасии занон ба молия бо сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва дастрасии маҳдуди занон, хусусан аз манотиқи деҳоти кишвар, ба иттилоот оид ба сарчашмаҳои имконпазири молиякунонӣ аз ҷониби бахши давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ баррасӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки дар самти мазкур Гурӯҳи корӣ метавонад ба сифати «Равзанаи ягона» барои дастрасӣ ба чунин иттилоот хизмат расонад. Барои ин таҳия ва нашри маводи иттилоотӣ ва ҳамчунин ҷойгир намудани иттилоот оид ба расмиёти дастрасӣ ба грантҳо, кумаки техникӣ ва қарзҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби сохторҳои гуногун дар сомонаи Гурӯҳи корӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамзамон дар рафти ҷаласа имкониятҳои васеъ ва бартарияти онлайн платформаи глобалии “Empowerwomen” барои рушди иқтидори бонувони соҳибкори Тоҷикистон пешниҳод гардида, онҳо барои ворид гардидан ва истифода бурдани ин маҳзани маълумоти муфид барои пешбурди фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ даъват карда шуданд.

## Ҷаласаи 6-уми Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон

Дар рафти ҷаласаи 6-уми Гурӯҳи корӣ, ки 6-уми майи соли 2017 бо иштироки аъзоёни он доир карда шуд, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон барои солҳои 2017-2018, масъалаи таҳияи методология ва такмили омори гендерии соҳибкорӣ, мусоидат ба рушди ҳунармандӣ ва дастгирии он мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қайд кард шуд, ки Нақшаи чорабиниҳо дар ҳамоҳангии зич бо аъзои Гуруҳи корӣ мураттаб гардида, он чорабиниҳои аз ҷониби аъзоён дар солҳои 2017-18 банақшагирифташуда дар самти ҳамоҳангсозии сиёсат ва барномаҳои дастгирии соҳибкории занон дар кишвар, беҳтар намудани заминаи  таҳлилӣ барои ошкор намудани масъалаҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории занон, тарғиби фаъолияти соҳибкорӣ ва тавсеаи дастрасии занон ба донишу малакаҳои зарурӣ, рушд ва дастгирии ҳунармандӣ, дастрасии занон ба воситаҳои молиявӣ ва замин, дастгирии занони деҳот, беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ байни асоссиатсияҳои занони соҳибкор дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон, робита бо ҷамъият ва ВАО ва тақвият бахшидан ба иқтидори Гуруҳи кориро дар бар мегирад.

Вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти аъзои Гурӯҳи корӣ таъкид гардид, ки се ҷадвали мураттабгардидаи лоиҳаву барномаҳо, тадқиқот ваислоҳот дар самти дастгирии соҳибкории занон бояд таҷдиди назар карда шаванд, диққати асосӣ дар ду соли минбаъда ба ҷамъбасти хулосаҳои тадқиқоти гузаронидашуда ва пешниҳоди онҳо ба Ҳукумати ҷумҳурӣ, такмили методологияи омори гендерии соҳибкорӣ, татбиқи чорабиниҳои муштарак бо дастгирии шарикони рушд дар самти бозомузии касбию техникии занони соҳибкор ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявию ҳуқуқӣ, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ дода мешавад.

Аз ҷумла зикр карда шуд, ки масъалаи такмили омори гендерии соҳибкорӣ дар Барномаи рушди миёнамуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ карда шуда, ҳамзамон нишондиҳандаҳои гендерӣ дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ низ ворид гардидаанд, ки аз муҳиммияти мукаммал гардонидани системаи мониторинг ва арзёбии сиёсат ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ, инчунин арзёбии вазъият дар доираи соҳибкории занон шаҳодат медиҳад.

## Таҳлили вазъи рушди соҳибкории занон дар ҷумҳурӣ

Тибқи маълумоти “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бонувони соҳибкор ҳамагӣ **64 183** адад ва ё зиёда **аз 21,7%-**и субъектҳои соҳибкории мамлакатро ташкил дода, ба корхонаҳои хурду миёна, ки роҳбаронашон занону

духтарон мебошанд, **4055** адад ва ё қариб **13%-и** корхонаҳои соҳибкории кишвар рост меоянд.

Дар баробари ин **60 128** нафар ва ё **93,7%** соҳибкорзанон бо фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки даромади солонаи он **на зиёда аз 100 ҳазор сомонӣ** тибқи патент ва **500 ҳазор сомонӣ** тибқи шаҳодатномаро ташкил медиҳад, машғул мебошанд, ки аз дастрасии маҳдуди соҳибкорзанон ба захираҳои молиявӣ ва таҷрибаи нокифояи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ бо роҳбарии занон **34 958** ва **ё 25,2%-и** хоҷагиҳои деҳқонии дар мамлакат фаъолияткунандаро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат **ба соли 2010 (5450 адад)** зиёда аз шаш маротиба афзуда, аз натиҷаи назарраси ислоҳот ҷиҳати тавсеаи дастрасии занон ба замин шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин татбиқи ислоҳот дар самти таъмини дастрасии занон ба замин ҳоло ҳам идома дорад.

Дар баробари ин бо мақсади боз ҳам васеътар намудани дастрасии бонувони соҳибкор ба захираҳои қарзӣ, аз **Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» 20 лоиҳа ба маблағи 11 млн. сомонӣ ба занони соҳибкор ҷ**удо гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 8 лоиҳа ва 3 млн.сомонӣ зиёд шудааст (12 лоиҳа ба маблағи 8 млн.сомонӣ дар соли 2016).

Тибқи таҳлилҳо лоиҳаҳои бонувони соҳибкор 14%-и ҳамаи лоиҳаҳои дастгиришуда ва қариб 8%-и маблағҳои барои дастгирии лоиҳаҳои соҳибкорӣ равонакардашударо ташкил медиҳад, ки аз дастрасии нобаробари бонувони соҳибкор ба воситаҳои қарзии Фонд бинобар надоштани малакаи таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ ва таъминоти қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷиҳати дастгирии соҳибкории бонувон танҳо дар давоми панҷ соли охир **аз ҷониби ташкилотҳои қарзии хурд ба занони соҳибкор зиёда аз 6 миллиард сомонӣ қарз** дода шудааст, ки 25%-и тамоми қарзҳои ҷудошударо аз ҷониби ТҚХ ташкил медиҳад. Ин рақамҳо низ гувоҳи дастрасии маҳдуди занҳо ба воситаҳои молиявӣ мебошанд.

Бо мақсади таъмини дастрасии бонувони соҳибкор ба воситаҳои молиявӣ аз соли 2007 аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон грантҳои президентӣ пешниҳод карда мешаванд, ки дар баробари ба фаъолияти тиҷоратӣ ҷалб намудани занон ва духтарон ба беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии оилаҳои онҳо низ мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳо муайян карданд, ки ба масъалаҳои асосии рушди соҳибкории занон дар мамлакат сатҳи пасти саводнокии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, надоштани малакаву маҳорати банақшагирии бизнес ва таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ, кор бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дохил мешаванд. Ин масъалаҳо дар навбати худ дастрасии занони соҳибкорро ба захираҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ба воситаҳои қарзӣ, замин ва иттилоот маҳдуд мегардонад.

Аз ин лиҳоз, дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда самтҳои фаъолияти минбаъдаи Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон муайян карда шуданд, ки пеш аз ҳама ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва масъалаҳои ҷойдошта оид ба рушди соҳибкории занон равона мегарданд.

Дар ин радиф, тибқи Нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда фаъолияти минбаъдаи Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкорзанон ба чунин самтҳо равона карда шудааст:

- Баланд бардоштани рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат тавассути ташкили шабакаи васеи марказҳои маълумоти иқтисодӣ, таълими маъмурикунонӣ ва идоракунии соҳибкорӣ, бозомузии касбии занон, таълими ихтисосҳои техникӣ ва кор бо технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба занону духтарон.
- Мукаммалгардонии тадбирҳо оид ба рушди соҳибкории занон тавассути дастгирии молиявӣ, рушди васеи хизматрасонии машваратию маркетингӣ, таҳияи механизмҳои муосири ҷалби занон ба соҳибкорӣ ва мусоидат ба рушди минбаъдаи корхонаҳои таъсисдодаи онҳо.
- Баланд бардоштани самаранокии барномаҳои қарздиҳии хурд барои занон тавассути тақвият бахшидани мақсаднокӣ ва шаффофияти онҳо, тавсеаи фарогирии занони камбизоат бо барномаҳои қарздиҳии хурд (хусусан дар деҳот), таҳия ва ҷорӣ намудани механизми сармоягузорӣ барои занони соҳибкор.
- Ба инобат гирифтани талаботи занон ба меҳнат ҳангоми гузаронидани ислоҳоти минбаъдаи иқтисодӣ, зоҳир намудани таваҷҷӯҳи махсус ба шуғли занон дар хоҷагии деҳот, аз ҷумла коркарди маҳсулоти кишоварзӣ. Ташкили шабакаи васеи ҷойҳои корӣ «дар хона» бо реҷаи озоди корӣ ва шаклҳои нави тақсимоти меҳнат.
- Бунёди шароит барои рушди соҳибкории иҷтимоӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ, ки ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва тавсеаи соҳибкории оилавӣ–тақвиятбахши институти оила равона карда шудааст.

Ҳалли вазифаҳои зикргардида, бешубҳа ба рушди соҳибкорӣ миёни занон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии занону духтарон ва дар маҷмӯъ рушди иқтисодии мамлакат мусоидат хоҳад намуд.

**Натиҷаҳои фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар солҳои 2015-2016**

1. Таҳияи ҷадвалҳои барномаҳо, лоиҳаҳо, тадқиқот ва ислоҳоти татбиқшуда дар самти дастгирии соҳибкории занон дар давоми солҳои 2014-2016;

2. Таҳлили қиёсии барномаҳо, лоиҳаҳо, тадқиқот ва ислоҳот дар самти дастгирии соҳибкории занон;
3. Ду форуми сатҳи миллӣ ва ду форуми сатҳи байналмилалӣ оид ба рушди соҳибкории занон
4. 5 мизи мудаввар оид ба баррасии масъалаҳои рушди соҳибкорӣ
5. Таҳлили омори гендерии соҳибкори ва таҳияи тавсияҳо оид ба мукаммал гардонидани он;
6. Дар доираи чорабиниҳои болозикр 4 маротиба баргузор намудани Намоишгоҳи маҳсулоти соҳибкорзанони Тоҷикистон – EXPO;
7. Озмуни сатҳи миллии "Бонуи Соҳибкори сол ФАРАХ -2016" бо фарогирии 276 бонуи соҳибкор ва интихоби 36 ғолиб аз рӯи 6 номинатсия;
8. Таъсиси сомонаи Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон.